# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович дар мавзӯи «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории «Ҷомеъ-ут-таворих» - и Рашидуддини Фазлуллоҳ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. 61 саҳифа, ш. Душанбе, соли 2021.**

Дар ташаккул ва рушду инкишофи забони адабии тоҷикӣ осори манзуму мансури таърихӣ нақши калон доранд. Дар асри X марҳалаи ташаккули забони адабӣ бо тарҷума ва таълифи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ оғоз гардида, дар асрҳои баъдӣ идома ёфтааст. Намунаи беҳтарини онро дар асри XIII дар мисоли «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ мебинем, ки бешак, инъикоскунандаи забони тоҷикии асри XIII аст.

Диссертант Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович дар кори таҳқиқотии худ хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтори “Ҷомеъ-ул-таворих”-и Рашидудддини Фазлуллоҳро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор дода, вижагиҳои луғавию маъноӣ ва калимасозии забон дар мисоли “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддини Фазлуллоҳро баррасӣ намудааст. Бо мақсади мушаххас гардонидани доираи таҳқиқ диссертант мансубияти калимаҳо аз нигоҳи таърихию забониро муайян сохта, инчунин мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар асарро муайян намуда, калимаҳои иқтибосии арабӣ ва туркию муғулии асар, гурӯҳбандии калимаҳо ба категорияву қабатҳои луғавӣ, мавқеи этнонимҳо ва хусусиёти корбурди онҳоро дар асар, нақши пасвандҳои калимасозро дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии асар, нақши воситаҳои калимасозро дар ташаккули калимаҳои мураккаб, аҳамият ва нақши «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ дар ташаккули таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ муайян намудааст.

Диссертатсияи Хоҷамиров М. аз се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Бобҳои рисола ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Боби якум «Баррасии таркиби луғавии “Ҷомеъ-ут-таворих” аз рӯйи баромад» ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби мазкур – «Муқаррароти умумӣ» таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба таври умумӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар фасли дуюм – «Калимаҳои умумиэронӣ дар асар» муқаррар карда шуд, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз калимаҳои аслан тоҷикӣ ва калимаҳои аз забонҳои гуногун иқтибосшуда таркиб ёфтааст. Фасли сеюми боби

аввал “Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар “Ҷомеъ-ут-таворих” ном дошта, диссертант дар ин фасл ба таҳқиқи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ пардохта, таҳлили таркиби луғавии “Ҷомеъ-ут-таворих”-ро нишон додааст, ки аз забони арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ бештар луғати динию мазҳабӣ ворид шудаанд. Диссертант фасли чоруми боби аввал – “Калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ”-ро ба баррасии калимаҳои туркию муғулии “Ҷомеъ-ут-таворих” бахшидааст. Ӯ таъкид менамояд, ки як миқдори ками калимаҳои таркиби луғавии забони тоҷикиро вожаҳои туркиву муғулӣ ташкил медиҳанд. Фасли панҷуми боби аввал “Таркиби луғавии асар аз нигоҳи этникӣ (қавмҳо)” ном дошта, муҳаққиқ перомуни номи қавму қабилаҳо баҳс мекунад, зеро дар ин асари таърихӣ номи қавму қабилаҳои муғул ва турк аз ҳама бештар ба назар мерасад. Рашидуддини Фазлуллоҳ дар асари таърихии худ «Ҷомеъ-ут-таърих», ки давраи пас аз ҳамлаи муғулро фаро мегирад, саъй намудааст, то роҷеъ ба қавму қабилаҳои турку муғул, халқияту шохаҳои аз он баромада ва амирону ҳокимони онҳо нақлу ривоятҳо биёварад. Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили қабатҳои лексикию семантикии таркиби луғати асар» ном дошта, диссертант онро дар се фасл таҳқиқ намудааст. Дар ин боб сермаънои вожаҳо, муродифот ва антонимҳои асар таснифу ташреҳ шудаанд. Фасли якуми боби дуюм “Калимаҳои сермаъно” унвон дорад, ки ба таҳлилу баррасии калимаҳои сермаънои “Ҷомеъ-ут-таворих” пардохта шудааст. Фасли дуюми боби дуюм “Муродифоти луғавӣ ” ном дорад. Калимаҳои муродифӣ дар “Ҷомеъ-ут-таворих” корбурди фаровон дорад. Муаллиф барои тасвири ҳодисаю воқеаҳо ва таърихи ҳар давра, ки мақсади ӯро возеҳу равшан ифода карда тавонанд, аз муродифот кор мегирад. Фасли сеюми боби дуюм “Калимаҳои зидмаъно (антонимҳо)” ном дорад. Дар ин фасл калимаҳои зидмаънои “Ҷомеъ-ут-таворих” шарҳу маънидод шудааст. Боби сеюми диссертатсия “Хусусиятҳои калимасозӣ дар асар” ном дорад. Калимасозӣ дар «Ҷомеъ-ут-таворих» бо равиши суннатии калимасозии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст.

Диссертатсия барои ҳавзаи забоншиносони тоҷик падидаи нав арзёбӣ мегардад ва барои доираи донишҷӯён, аспирантон, докторантон ва умумани муҳаққиқони забоншиноси тоҷик маводи муфид дода метавонад.

Сарфи назар аз ҷиҳатҳои мусбӣ, бо вуҷуди ин, дар автореферат баъзе камбудиҳо мавҷуданд:

1. Дар баъзе ҷойҳо хатогиҳои техникиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки диссертант ҳангоми омода намудани монография ин хатогиҳоро ислоҳ мекунад ва ин камбудиҳо арзиши диссертатсияро коста намесозанд.

Бо вуҷуди ин камбудиҳои техникӣ таҳқиқоти анҷомдодаи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович аҳамияти баланди илмӣ дорад ва барои сазовор гардидани унвони номзади илмҳои филологӣ муҳаққиқ арзанда мебошад.

**Мудири Шуъбаи**
**Шарқи Миёна ва Наздики**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои филологӣ** **Зиёев С.Н.**

**27.08.2021.**

**Адрес: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.**
**Тел.: +992 (92) 704-09-08;**
**E-mail: rakesh-23@mail.ru**

**Имзои С. Зиёевро тасдиқ мекунам,**
**нозири калони кадри Институт** **Одинаев А.С.**

ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * THE INSTITUTE OF STUDYING THE PROBLEMS OF THE ASIA AND EUROPE OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN
ШУЪБАИ КАДРҲО